# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади (доктори) илм (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295)**

Парвандаи аттестатсионии № 13

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.12.2025, Протоколи № 43

Барои сазовор донистани унвони илмӣ ба Раҳимов Шодмон Давлатович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 - Сабзавотпарварӣ

Диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович, дар мавзуи "Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш" аз рӯйи ихтисоси 06.01.09-Сабзавотпарварӣ санаи 17.10.2025, Протоколи №35 аз тарафи шурои диссертатсионии **6D.КОА-096** назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон [734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 21а], ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №171/шд, аз 25.04.2025 таъсис дода шудааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҳимов Шодмон Давлатович 28 апрели соли 1962 дар шаҳраки Совети ноҳияи Совет (ҳозира н. Темурмалик) таваллуд шудааст. Соли 2010 ба факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзӣ ба ихтисоси меваю сабзавот ва ангурпарварӣ дохил шуда, онро соли 2013 бо ихтисоси олим агроном хатм намуд.

Дар давоми солҳои 2011-2016 дар корхонаи воҳиди давлатии истеҳсолии "Гулпарвар"-и ш. Душанбе ҳамчун сарагроном, аз соли 2017 то 2018 сарагрономи боғи фарҳангию фароғатии "Хайём"-и шаҳри Душанбе ва аз соли 2018 то инҷониб ходими калони илмии шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва

сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон кор ва фаъолият дорад.

Бо фармоиши президенти АИКТ №07а аз 15 марти соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯйи шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон қабул карда шуда, онро соли 2021 хатм кардаст. Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ солҳои 2018-2021 иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Ахмедов Турсунбой Абдуллоевич - доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИКТ, сарходими илмии шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Садридинов Сайфидин -** доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии шуъбаи тадқиқоти иқтисодиёти воқеии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Солиев Зокирхоҷа Маҳмудхоҷаевич -** доктори илмҳои кишоварзӣ, муовини директор оид ба илм, инноватсия ва равобити байналмилалии филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ш.Исфара.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии Данғара (735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вил. Хатлон,н.Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25.) дар хулосаи мусбии муассиса, ки аз тарафи муқарриз, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои кишоварзӣ Музафарзода Даврон Маҳмадшариф омода шудааст дар ҷаласаи шурои олимони Доншгоҳи давлатии Данғара, протоколи №4 аз 27 ноябри соли 2025, баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласаи шурои олимон, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Ҳафизов А.А. ва котиби илмии шурои олимон, номзади илмҳои кишоварзӣ, Сафарализода С.С. имзо

намудаанд ва ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ, тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Раҳимов Шодмон Давлатович дорои ҷамбаҳои баланд ва арзишноки назариявӣ ва амалӣ буда, аз рӯйи муҳимият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сифати вазифаҳои иҷрошуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, саҳеҳият ва асоснокунии хулосаҳо ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09-Сабзавотпарварӣ сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Унвонҷӯ Раҳимов Шодмон Давлатович оид ба мавзӯи диссертатсия 16 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии эътирофнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 мақола дар маҷмуи маводҳои конференсия ва семинарҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба нашр расонида шудааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тасдиқгардидаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**

[1-М] **Рахимов Ш.Д.** Оптимальные нормы и сроки внесения минеральных удорений на осенне-зимных посевах репчатого лука / Ш.Д. Рахимов, Т.А. Ахмедов, Р.У. Эшонкулова // Доклады ТАСХН, 2020. -№2 (64). -С.39-42.

[2-М] **Рахимов Ш.Д.** Влияние технологии выращивания на урожайность лука репчатого в условиях Вахшской долины Таджикистана. / Ш.Д. Рахимов, Т.А. Ахмедов, Р.У. Эшонкулова // Известия НАНТ, 2021.-№ 2 (213). -С.70-76.

[3-М] **Рахимов Ш.Д.** Пути повышения плодородия почв при выращивании лука репчатого. / Ш.Д. Рахимов, Т.А. Ахмедов, Эшонкулова Р.У. // Кишоварз (Земледелец), 2022.-№1 (94), -С.36-37.

**[4-М] Рахимов Ш.Д.** Влияние минеральных удобрений на повышение плодородия почв под овошными культурами. / Ш.Д. Рахимов, Т.А. Ахмедов, Эшонкулова Р.У. // Известия НАНТ. 2022.-№ 1 (216), -С.79-83.

**[5-М] Рахимов Ш.Д.** Своевременное применение научной технологии и эффективное применение минеральных удобрений основа получения высокого урожая лука репчатого / Ш.Д. Рахимов, Т.А. Ахмедов // Известия НАНТ, 2022. -№3 (218). -С.115-121.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар дигар нашрияҳо чопшуда:**

**[6-М] Рахимов Ш.Д.** Экономический эффект от инновационной технологии выращивания репчатого лука в различных регионах Таджикистана / Т.А. Ахмедов, Р.У. Эшонкулова, Ш.Д. Рахимов // Материалы конференции прикладной науки республики «Инновационные технологии консервации и логистики плодоовощной продукции», Взгляд в будущее». Душанбе, 28.12.2019, –С.60-62.

**[7-М] Рахимов Ш.Д.** Зависимость урожая лука репчатого от минеральных удобрений в условиях Вахшской долины / Ш.Д. Рахимов, Т.А. Ахмедов, Р.У. Эшонкулова // Душанбе, 2020, -С.50-54.

**[8-М] Рахимов Ш.Д.** Изменение уровня агрохимических свойств почв и её плодородие от применение минеральных удобрений на овощных культурах / Рахимов Ш.Д., Ахмедов Т.А., Эшонкулова Р.У. // Материалы республиканской научно-практической конференции «Роль семеноводства в развитии картофельной отрасли». Душанбе, 2020. –С.44-49.

**[9-М] Рахимов Ш.Д.** Урожайность сортов репчатого лука в зависимости от применение минеральных удобрений / Рахимов Ш.Д., Ахмедов Т.А., // Материалы сборник научных трудов Международной практической конференции «Сельского хозяйства», 30. 04.2021, протокол №2, Украина Николаевская область. -С.79-80.

**[10-М] Рахимов Ш.Д.** Экологические особенности выращивания озимого раннеспелого сорта лука репчатого «Пешпазак» в Таджикистане

/ Рахимов Ш.Д., Ахмедов Т.А., Эшонкулова Р.У. // Научно-практическая конференция, Москва, 2021,-С.209-211.

**[11-М] Рахимов Ш.Д.** Агротехнология возделывания лука репчатого на юге Таджикистана / Рахимов Ш.Д., Эшонкулова Р.У. // Сборник статей по материалам международной научно-практической конференции 14.04.2022. Академия имени Т.С. Мальцева, Россия. - С.70-74.

**[12-М] Рахимов Ш.Д.** Эффективность использования минеральных удобрений при возделывании скороспелых сортов лука в Вахшской долине / Ш.Д. Рахимов // Сборник научных статей республиканской научно-практической конференции на тему «Развитие и применение современной технологической науки для развития садоводства и виноградарства». ТАУ им. Ш.Шотемур. Душанбе, 2022, -С.137-144.

**[13-М] Рахимов Ш.Д.** Использование удобрений при выращивании урожая раннего лука в Вахшской долине / Рахимов Ш.Д. // Республиканская научная конференция, посвященная международному десятилетию действий «Вода для устойчивого развития 2018-2040», «Вклад молодых ученых в развитие сельскохозяйственной науки, инноваций и технологий» 27.05.2022, г. Душанбе, -С.47-53.

**[14-М] Рахимов Ш.Д.** Эффективное использование минеральных удобрений при выращивании скороспелых сортов лука в Вахшской долине / Рахимов Ш.Д. // Материалы международной научно-теоретической конференции на тему «Использование инновационных методов повышения продуктивности плодовых деревьев, винограда, овощей и картофеля». Душанбе, 2022, -С.131-136.

**[15-М] Рахимов Ш.Д.** Эффективное применение минеральных удобрений под раннеспелых сортов репчатого лука в условиях Вахшской долины / Рахимов Ш.Д. // Международная научно-практическая конференция на тему «Прошлое, настоящее и перспективы овощеводства, картофелеводства, садоводства и виноградарства Таджикистана». Душанбе-2024. -С.86-91.

**[16-М] Рахимов Ш.Д.** Эффективное использование минеральных удобрений при выращивании сортов скороспелого лука в республике / Рахимов Ш.Д. Материалы Республиканской научной конференции «Достижения молодых ученых по приоритетным направлениям развития аграрной науки», посвящённой 2020-2040 гг. «Двадцать лет изучения и развития естественных наук, математики в области науки и образования и международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития».- Душанбе, 2024. -С.47-53.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**1. Адилов Махсут Мирваситович -** доктор сельскохозяйственных наук, профессор кафедры овощеводства и организации тепличного хозяйства Ташкентского ГАУ (Отзыв положительный).

**2. Амиров Н.И. –** номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи омӯзиш ва мониторинги амнияти озуқаворӣи Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ (Тақриз мусбӣ мебошад).

**3. Бобохониён Зебо Қара -** номзади илмҳои кишоварзӣ, директори Институти хокшиносӣ ва агрохимия АИКТ (Тақриз мусбӣ мебошад).

**4. Иброҳимов Н.Ш. –** номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи агрохимия ва хокшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (Тақриз мусбӣ мебошад).

**5. Иванова Мария Ивановна -** доктор сельскохозяйственных наук, профессор РАН, заместитель руководителя по научной работе, главный научный сотрудник сектора селекции и семеноводства луковых культур Всероссийского научно –исследовательского бюджетного научного учреждения «Федеральный научный центр овощеводства» (Отзыв положительный).

**6. Мавлянова Р.Ф.** – доктор сельскохозяйственных наук, профессор, заведующий лабораторией генбанка Научно-исследовательского института овоще-бахчевых культур и картофеля и **Хакимов Р.А.** - кандидат сельскохозяйственных, старший научный сотрудник, заведующий лабораторией генетики и селекции бахчевых культур

Научно-исследовательского института овоще-бахчевых культур и картофеля (Отзыв положительный).

**7. Назарзода Нигора Нурахмад** - доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсент, профессори кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (Тақриз мусбӣ мебошад).

**8. Рашидов Н.Ҷ.** – доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи агротехнология ва саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар ш.Хуҷанд (Тақриз мусбӣ мебошад).

**9. Сатторов Р.Б.** – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи ботаника ва дендрологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Тақриз мусбӣ мебошад).

**10. Шарипов Р.Р.** – номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи кимиёи агрономии Институти зироаткории АИКТ (Тақриз мусбӣ мебошад).

Ҳамаи тақризҳои аз тарафи муқарризон пешниҳодшуда мусбат буда, онҳо муҳимии мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии тадқиқоти анҷомдодашуда, асоснокии натиҷаҳои илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва ҷавобгӯ будани кори иҷрогардидаро ҳамчун диссертатсияи номзадӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ арзёбӣ намуда, пешниҳод менамоянд, ки муаллифи он Раҳимов Шодмон Давлатович шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09-Сабзавотпарварӣ мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, дар асоси комёбиҳо ва дастовардҳои илмии онҳо оид ба омӯзиши самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ, хусусан дар самти сабзавотпарварӣ, корҳои илмии чопшудаашон дар соҳаи дахлдори тадқиқ ва қобилияти муайян

намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ, сурат гирифт.

**Интихоби ташкилоти тақриздиҳанда** бар он асос ёфтааст, ки он муассисаи илмӣ – тадқиқотиест, ки ба ҳалли мушкилотҳои рушди кишоварзӣ, мутобиқгардонӣ ва баҳодиҳии навъҳои гуногуни тезпазаки пиёзи бехӣ, вобаста ба истифодаи нуриҳои минералӣ дар хокҳои хокистранги равшани ноҳияи Ҷайҳун, бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокӣ, афзун гардонидани истеҳсоли маҳсулот ва ноил гаштан ба истифодаи илман асосноки нуриҳои минералӣ, фосфорию калийгӣ, инчунин ноил гаштан ба самаранокии баланди иқтисодиро дар бар мегирад. Муассиса дар соҳаи дилхоҳи тадқиқ ва муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии он ба тақриздиҳӣ ифода менамояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки** аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро намудани тадқиқоти илмӣ:

**- коркард карда шуд** муайянкунии реҷаи моддаҳои ғизоӣ дар хок вобаста ба истифодаи нуриҳо, хусусиятҳои хоси обу ҳавои минтақа, раванди нашъунамои растаниҳои навъҳои пиёзи тезпаз, ҳосилнокӣ, сифати биокимиёвӣ, самаранокии иқтисодии тадқиқотро дар бар мегирад;

Методикаҳои истифодашуда дар парвариши ҳосили пиёзи бехӣ вобаста ба истифодаи нуриҳо, гузаронидани мушоҳидаҳои фенологӣ ва ҳосилнокии зироатҳои сабзавотӣ истифода шуданд;

**- пешниҳод шудааст,** ки навъҳои пиёзи бехии тезпази “Пешпазак”, “Алдоба” ва “Тунис”, ки бо истифодаи нуриҳои минералӣ парвариш шуданд ва парвариши онҳо низ дар минтақаҳои ҳамшафати ҷумҳурӣ барои парвариш пешниҳод карда шаванд, ки ба афзунгардонии истеҳсоли пиёзи бехии барвақтии талаботи калон дошта, мусоидат менамояд;

**-исбот шудааст,** ки дар шароити хокҳои хокистаранги равшани ҳосилхезии табиии паст доштанашон, истифодаи нуриҳои минералӣ дар

парвариши ҳосили баланду барвақтӣ ва хушсифати пиёзи бехӣ назар ба водии Ҳисор ва ноҳияҳои дар води будаи вилояти Суғд, афзалият доштаро исбот менамояд;

- **ҷорӣ намудани** натиҷаҳои тадқиқот дар парвариши ҳосили навъҳои пиёзи тезпази “Пешпазак”, “Алдоба” ва “Тунис” дар майдони 19 гектар парвариш карда шуд.

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки натиҷаҳои таҷрибаҳои саҳроии илмӣ ва ба истеҳсолот пешниҳод шудани миқдор ва таносуби истифодаи нуриҳои нитрогению фосфорӣ ва калийгӣ, ки ба баландшавии ҳосилнокии ин зироат ва сифати маҳсулот таъсири мусбии худро мерасонаду истифодаи илман асосноки худро ифода менамояд:

- **муайян карда шуд,** ки дар хокҳои хокистаранги равшани ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон истифодаи нуриҳои минералии илман асоснок шуда, низ дар дигар минтақаҳои водигии ҷумҳурӣ, ба раванди истеҳсоли ҳосили пиёзи навъҳои барвақтӣ, инчунин ба парвариши 2-3 ҳосил дар замини обёришаванда, ҷавобгӯ мебошад;

- **собит гардид,** ки низоми амалии асосноки истифодаи нуриҳои минералӣ, ки асоси баланд бардоштани ҳосилнокӣ мебошад, ба сарфа ва таъмини самаранокии онҳо дар парвариши ҳосили пиёзи бехиро дар бар мегирад;

- **муаррифӣ карда шуд,** ки навъҳои омӯхташудаи тезпази пиёзи бехӣ дар шароити ноҳияҳои Ҷанубии водии  Вахши вилояти Хатлон аз ҳисоби истифодаи нуриҳои минералӣ ҳосилнокии баланду барвақтӣ ва сифатнокро асоснок карда метавонад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи тадқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ дар амалия бо он исбот мешавад, ки** натиҷаҳои илмии таҷрибаҳои саҳроӣ ва санҷиши истеҳсолии онҳо соли 2024 дар хоҷагии деҳқонии “Аслам Ғаниев” ва хоҷагии деҳқонии “Зоирҷон” ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон дар майдони 11 гектар татбиқ карда шудааст.

**Барасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқоти илмии саҳрой барои истеҳсолот пешниҳод карда шуданд**: натиҷаҳои ба даст омада дар асоси таҷрибаҳои саҳрой ба натиҷаҳои тадқиқоти олимон дар дигар минтақаҳои мамлакат раванди қонунияти бо ҳам наздикро ифода намуда, саҳеҳҳияти тадқиқот аз ба даст овардани ҳосили баланди пиёзи бехиро таҷассум менамояд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки тавсияҳои илман асосноки истифодаи нуриҳои минералӣ ба истеҳсолот пешкаш карда шуданд: натиҷаи ташкили асосноки гузаронидани таҷрибаҳои илмии саҳрой ба натиҷаҳои тадқиқоти олимони соҳа мувофиқат карда, саҳеҳҳияти тадқиқотҳои унвонҷуро тасдиқ намуда, яке аз омилҳои баланд бардоштани ҳосилнокии пиёзи бехии тезпазро дар шароити водии Вахши вилояти Хатлонро амалӣ мегардонад:

**назария** дар натиҷаҳои назарраси илмию истеҳсолӣ аз таъсири истифодаи нуриҳои минералӣ, омилҳои обу ҳаво то ҳол дар ин минтақа аз тарафи олимон омӯхта нашуда буданд. Аз ин лиҳоз, тадқиқоти илмӣ оид ба истифодаи нуриҳои минералӣ, ки нақши ҳалкунанда дорад, барои пешбурди истеҳсолӣ зироати сабзавотӣ, аз ҷумла пиёзи бехии тезпаз нақши худро мегузорад.

**- ғоя асоснок шудааст -** дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи хулосаҳои таҷрибаи муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба истифодаи нуриҳои минералӣ дар парвариши ҳосили пиёзи бехӣ;

**- истифода шуданд -** муқоисаи натиҷаҳои муаллифон ва натиҷаҳои ба даст овардаи унвонҷӯ бо адабиётҳои пешин оид ба мавзуи диссертатсия;

**- муайян шуданд -** миқдоран ва сифатан мувофиқ будани натиҷаҳои муаллиф бо манбаъҳои холис, ки аз рӯйи мавзуи мазкур оварда шудаанд, дар ҳолатҳое, ки ин муқоисаҳо асоснок мебошанд;

**- истифода шудаанд** – усулҳои таҳлили натиҷаҳои илмии ба даст омада доир ба хусусиятҳои хоси навъҳои пиёзи бехии тезпази омӯхташуда, дар асоси “Методика полевого опыта в овощеводстве и бахчеводстве” Москва (1979), “Методика полевого опыта в

овощеводстве” Москва (2011), “Методика полевого опыта” Б.А. Доспехов (1985)-ро дар бар мегирад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- интихоби мавзуъ, навъҳои пиёзи тезпаз, тайёр кардани барномаи илмӣ, гузаронидани тадқиқотҳои саҳроӣ, назоратҳои фенологӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои илмӣ, навиштани ҳисоботу мақолаҳои илмӣ, реферати он, асосан аз тарафи унвонҷӯ иҷро шудааст.

Дар ҷаласаи 29 декабри соли 2025, Протоколи №43 шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон қарори сазовор донистани Раҳимов Шодмон Давлатович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09-Сабзавотпарварӣ қарор қабул кард. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Овоз доданд: **тарафдор 16 нафар**, муқобил **нест,** бюллетенҳои беэътибор **нест.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ Салимзода Амонулло Файзулло

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна

29.12.2025